**ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-113-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи “Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3.– Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи илмии Солеҳзода Шоира Солеҳ ба яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ - методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон бахшида шудааст. Мубрамияти таълими мавзӯи мазкур, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки коркарди низоми мукаммали таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ, инчунин муайян намудани нақш ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон дар асоси методологияи илмӣ ва таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ дошта, татбиқи натиҷаҳои он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тақозои замон мебошад.

Маҳз ҳамин ҷиҳати масъала дар диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар баробари пешниҳоди илмӣ - методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон иртиботдошта аз оғоз то интиҳои рисола чун хатти сурх дар мадди назари рисоланавис қарор гирифтааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 - 33 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахусус, дар дарсҳои забони модарӣ барои муваффақ шудан ба ин сифатҳо таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, метавон, пеш аз ҳама, натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои пешниҳодшударо метавон дар амалияи корҳои таълимию тарбиявии ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ва курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавон истифода бурд.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсионии Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи “Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва

фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон” ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.5.3.– Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ, ҳамчунин, ба Феҳристи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 мутобиқат мекунад.

Диссертант дар рисолаи хеш коркарди методии мавзуъҳои дар доираи таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон, зимни такя намудан ба маводи назариявӣ - методӣ, ба натиҷаҳои озмоишҳои педагогии дар раванди омӯзиши забони модарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва, албатта, дар заминаи ақидаҳои шахсиаш пешниҳод намудааст, ки аз ҷумлаи дастовардҳои муҳим ва дигари ӯ маҳсуб меёбад.

Аз ин нуктаи назар, мавзуи рисолаи Солеҳзода Шоира Солеҳ мубраму муҳим буда, аз ҷиҳати назариявию амалӣ низ шоистаи дастгирист.

Диссертатсияи мазкур мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки 30 июни соли 2021 таҳти №267 ба тасвиб расидааст, таълиф шудааст. Ва ин кори диссертатсионӣ дар кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа 13-уми марти соли 2026-ум, №3).

Дар хулосаи ҷаласаи васеи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматарафа дода шудааст.

Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар 46 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, дар маҷаллаҳои эътирофнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 мақола нашр шудааст.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ё худ эътирофшуда ба талаботи банди 34 - Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудааст, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30

июни соли 2021 тахти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф фикрҳои ҷолиб пешниҳод шудааст. Инчунин, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика ва методикаи таълим шаҳодат медиҳад.

Аҳамияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи “Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3.– Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи “Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3.– Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи “Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3.– Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ба ҳимоя кабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.3.5.3.– Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Шербоев Саидбой** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;
- **Иматзода Лутфия Маҳмадулло** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълимии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ;

- **Абдураҳимзода Қудратулло Саид** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».

3. Ба сифатӣ муассисаи пешбар

- **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айни** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои педагогӣ,**
**профессор** **Рузиева Лола Толибовна**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмхои педагогӣ,**
**профессор** **Хоҷиматова Гулчеҳра Масаидовна**

**доктори илмхои филологӣ,**
**профессор** **Ҳомидзода Дилмурод Ражаб**

*Имзоҳои Л.Т.Рузиева, Г.М.Хоҷиматова ва Д.Р.Ҳомидзода – ро тасдиқ мекунам*

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои маҳсуси ДМТ** **Шодиҳонзода Э.Ш.**

“ 23 ” 06 соли 2026